# Шарҳи моҳонаи таваррум • Ноябри 2019

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи ноябри соли ҷорӣ раванди болоравӣ дошта, 0,6 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли қаблӣ (ноябри с. 2018) ба андози 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

**Дар натиҷа, сатҳи таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи баррасишаванда тамоюли афзоишёбӣ дошта, нисбат ба моҳи қаблӣ ба андозаи 0,2 б.ф. боло рафт, ки дар маҷмӯъ ба 7,5 фоиз баробар шуд.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,8 фоиз (саҳм дар таваррум 0,4 б.ф.) молҳои ғайрихӯрока 0,4 фоиз (0,2 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,2 фоиз таъсир расонид.

Ба болоравии сатҳи нархҳо, дар ин моҳ қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, маҳсулоти нонӣ (аз қабили орди навъи якум), маҳсулоти гӯштӣ (гӯшти гов ва гӯшти гӯсфанд), меваҷот, сабзавот ва тухм мусоидат намуданд, ки раванди мазкур вобаста ба таъсири омилҳои таклифотии мавсимӣ, бахусус зиёд гардидани талабот вуқӯъ пайваст. Ҳамзамон, арзоншавии нархи биринҷ, шир, равағани пахта, шакар ва ғайра ба назар расид.

Бояд қайд намуд, ки дар давоми ёздаҳ моҳи 2019 дар ҷумҳурӣ болоравии нархи маҳсулоти нонӣ ба андозаи 17,5 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Дар сохтори маҳсулоти нонӣ бештар болоравии нархи орди навъи якум 22,2 фоиз ба назар расид ва нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ (январ – ноябри соли 2018) бошад, 11,3 фоиз зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди мазкур дар баробари таъсири омилҳои таклифотӣ, яъне дар натиҷаи кам гардидани истеҳсол ва пешниҳоди он аз ҷониби кишварҳои содиркунандаи гандум (номусоид омадани вазъи боду ҳаво) омили дигар ин қимат гардидани нархҳои воридотӣ мебошад.

Вобаста ба ин, дар моҳҳои январ – ноябри соли 2019 ба ҷумҳурӣ 959,5 ҳаз. тонна гадум ба маблағи 193,5 млн. доллари ИМА ворид гардидааст. Нархи миёнаи 1 тонна гандуми ба ҷумҳурӣ ворид гардида 201,7 доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 19,4 фоиз (32,7 доллари ИМА) зиёд мебошад.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таъсири омилҳои мавсимӣ ва берунӣ ба таваррум, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Илова бар ин, дар ин давра ба ҷумҳурӣ ба миқдори 66,1 ҳазор тонни орд ба маблағи 16,1 млн. доллари ИМА ворид гардидааст. Нархи миёнаи 1 тонна орди ба ҷумҳурӣ ворид гардида 243,6 доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 11,8 фоиз (25,7 доллари ИМА) зиёд мебошад.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар ин моҳ бештар болоравии нархи маводи доруворӣ 0,6 фоиз, либос ва пойафзол 0,6 фоиз, гази моеъ 3,6 фоиз ва бензини навъи АИ 92 ба андозаи 0,5 ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ низ дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли афзоишёбии мӯътадил дошта, ба 0,2 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии гази моеъ ба андозаи 3,6 фоиз ва нақлиёт 0,8 фоиз ба вуқуъ пайваст.

Сатҳи таварруми аслӣ** дар моҳи ноябри соли ҷорӣ 0,2 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона ба 3,2 фоиз[3] баробар шуд, ки аз маҳдуд будани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум шаҳодат медиҳад.

**Тибқи таҳлилҳо тамоюли сатҳи таваррум бо дарназардошти интизориҳои таваррум ва коҳишёбии таъсири омилҳои берунию шокҳои мавсимӣ, дар ҳудуди муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок 7,0% (±2б.ф.)* ҷамъбаст хоҳад шуд.**

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум ва то интиҳои сол ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда татбиқи сиёсати пулию қарзии мутавозунро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

**Намояи нархҳои истеъмолӣ***

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | Ноябр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | 2019 | | | | | | |
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **2,5** | **1,6** | **5,0** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **7,3** | **7,5** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯроквори ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **0,9** | **-2,1** | **4,8** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **9,8** | **10,6** | **0,8** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -3,4 | -4,2 | 4,5 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 18,8 | 17,4 | 0,3 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | 1,9 | 8,1 | 15,8 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 14,4 | 9,9 | -4,3 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -6,0 | -8,2 | 3,9 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 23,5 | 21,8 | 0,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,5 | 4,9 | 6,7 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 23,5 | 24,4 | 1,2 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,0 | 3,0 | 6,1 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 27,1 | 28,6 | 1,5 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | -0,6 | 0,1 | 7,7 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | -3,3 | 3,1 | 8,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 2,3 | 3,7 | 3,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 5,0 | 4,6 | -0,2 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | -2,2 | 0,7 | -1,4 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 1,4 | -3,0 | -1,9 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -2,5 | -0,8 | 4,7 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -0,6 | -0,7 | -0,1 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 6,4 | 24,2 | 18,2 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | 1,9 | 3,4 | 2,2 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | -6,4 | -23,8 | -1,4 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | -6,1 | 1,1 | 1,5 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -10,1 | -11,2 | -11,3 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | 3,3 | -0,9 | -2,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,6 | 3,3 | 3,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 6,6 | 8,1 | 1,5 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **6,9** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **7,8** | **7,8** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **8,0** | **4,7** | **6,4** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,3** | **2,6** | **0,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,0** | **5,8** | **5,7** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,8** | **4,5** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 3,0 | 4,9 | 4,6 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 14,5 | 14,4 | 0,6 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 6,1 | 7,0 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 5,4 | 5,6 | 0,3 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 0,7 | 3,2 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 4,4 | 3,6 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 1,9 | 9,2 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 16,2 | 14,9 | 0,6 |
| Сӯзишвории наклиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 14,1 | 26,4 | 14,1 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -8,8 | -9,1 | 1,4 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -15,7 | -14,1 | 1,9 |
| Васоити наклиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 4,4 | 4,4 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 1,4 | 1,4 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 9,1 | 11,9 | 8,4 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 4,3 | 3,1 | -0,9 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **5,0** | **7,3** | **4,3** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **4,6** | **3,7** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 11,7 | 20,5 | 11,3 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 14,8 | 6,9 | 0,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,9 | 2,9 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 3,7 | 3,7 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 32,7 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 8,5 | 52,3 | 8,7 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -15,2 | -15,9 | 3,4 |
| Наклиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 0,7 | -0,6 | -0,7 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | -5,0 | 0,3 | -0,1 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,5 | 2,9 | 1,8 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 4,4 | 4,3 | 0,1 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо